**ХУЛОСАИ ШУРОИ ДИССЕРТАТСИОНИИ 6D.КОА-003 НАЗДИ ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН АЗ РӮЙИ ДИССЕРТАТСИЯ БАРОИ ДАРЁФТИ ДАРАҶАИ ИЛМИИ ДОКТОРИ ФАЛСАФА (PhD) - ДОКТОР АЗ РӮЙИ ИХТИСОС**

**Парвандаи аттестатсионии №**

**Қарори шурои диссертатсионӣ аз 21-уми июни соли 2025, № 115**

Барои сазовор донистани Аҳмади Зоҳидҷон, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон ба дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) - доктор аз рӯйи 6D050900 – Молия (6D050901 – Молия, муомилоти пул ва қарз).

Диссертатсияи Аҳмади Зоҳидҷон дар мавзуи «Таъминоти молиявии татбиқи лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар инфрасохтори сайёҳӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050900 – Молия (6D050901 – Молия, муомилоти пул ва қарз) санаи 07-уми декабри соли 2024, суратмаҷлиси № 92 аз тарафи шурои диссертатсионии 6D.КОА-003 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17), ки он дар асоси фармоиши раиси Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3-юми декабри соли 2021, № 349 таъсис дода шудааст, барои ҳимоя қабул карда шуд.

Аҳмади Зоҳидҷон 15.05.1996 дар вилояти Хатлон, ноҳияи Фархор ба дунё омадааст.

Соли 2014 ба факултети молиявию иқтисодии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон дохил гардида, онро соли 2019 аз рӯйи ихтисоси молия бо дипломи аъло хатм намудааст. Баъди хатми донишгоҳ соли 2019 дар зинаи магистрӣ аз рӯйи ихтисоси молия ва қарз дохил шуда, соли 2021 бо дипломи аъло дараҷаи магистро хатм намудаст.

Аҳмади Зоҳидҷон бо фармоиши ректори Донишгоҳи миллии Тоҷикистон аз 1-уми ноябри соли 2021 ба ҳайси докторанти доктори фалсафа Ph.D дар кафедраи молия ва суғуртаи факултети молиявию иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 6D050900 – “молия” қабул шуда, санаи 15.06.2024 имтиҳони маҷмӯиро супоридааст.

Аз соли 2024 то инҷониб дар вазифаи ассистенти кафедраи молия ва суғуртаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон фаъолият карда истодааст.

Диссертатсия дар кафедраи молия ва суғуртаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон иҷро карда шудааст.

**Роҳбари илмӣ:**

**Иброҳимзода Илҳомуддин Раҷабалӣ** - доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор, директори Институти илми таҳқиқоти сайёҳӣ дар Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон.

**Муқарризони расмӣ:**

- **Бобоҷониён Даврон Дадоҷон** - доктори илмҳои иқтисодӣ, муовини ректор оид ба илм ва инноватсияи Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон;

- **Бобозода Алишер Абдураҳмон** - номзади илмҳои иқтисодӣ, мудири кафедраи молия ва қарз дар КАС-и Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур.

**Муассисаи пешбар** Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон муқаррар карда шудааст. Тақризи муассисаи пешбар, ки аз тарафи эксперт: Ҳалимов Лоиқ Мирзовалиевич - номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент, мудири кафедраи фаъолияти бонкӣ омода гардидааст, дар ҷаласаи васеъи кафедраи фаъолияти бонкии Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон аз 28 майи соли 2025, суратмаҷлиси № 10 муҳокима гардида, аз тарафи раискунандаи ҷаласа мудири кафедраи молия, номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент Дусматов Баҳодур Муродович имзо гардида, аз ҷониби ректори Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон, доктори илмҳои техникӣ, профессор Назарзода Хайрулло Холназар 29 майи соли 2025 тасдиқ карда шудааст.

Дар тақризи пешниҳодшуда хулоса бароварда шудааст, ки диссертатсия ба бандҳои меъёрҳои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисос, омодасозии диссертатсия ва экспертизаи диссертатсия дар шурои диссертатсионӣ ва талаботи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267 тасдиқ шудааст, ҷавобгуй мебошад.

Автореферати диссертатсия тибқи тартиби мукарраргардида барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050900 – Молия (6D050901 – Молия, муомилоти пул ва қарз) таҳия гардида, мазмуни асосии таҳқикотро инъикос менамояд ва дар он натиҷаҳои назарраси илмӣ асоснок гардида, шарҳи пурраи худро ёфтаанд.

Диссертатсияи Аҳмади Зоҳидҷон пешниҳод шудааст, кори илмии мукаммал ва бaанҷомрасида буда, дар он натиҷаҳои нави назариявӣ ва амалии аз ҷиҳати илмӣ асоснок ба даст оварда шудаанд.

Гуфтаҳои овардашуда аз он шаҳодат медиҳанд, ки диссертатсияи Аҳмади Зоҳидҷон дар мавзуи «Таъминоти молиявии татбиқи лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар инфрасохтори сайёҳӣ», бо талаботи бандҳои 31, 33, 34 ва 35 "Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ", (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267) мутобиқат менамояд ва муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) - доктор аз рӯйи ихтисос, ихтисоси 6D050900 – Молия (6D050901 – Молия, муомилоти пул ва қарз) мебошад.

Довталаб 17 мақолаи илмӣ ба табъ расонидааст, аз ҷумла 5 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр шудааст.

**Муҳимтарин интишороти муаллиф доир ба мавзуи диссертатсия:**

***А. Интишорот дар нашрияҳои ба рӯйхати маҷаллаҳо ва нашрияҳои илмии тақризишавандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон***

1. Аҳмади, З. Фаъолияти сармоягузорӣ дар инфрасохтори сайёҳӣ ва манбаъҳои маблағгузории он [Матн] / А. Зоҳидҷон // Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷоратии Тоҷикистон. - 2022. - № 3 (42). – С. 77-86. ISSN: 2308-054

2. Аҳмади, З. Шакл ва усулҳои маблағгузории лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар инфрасохтори сайёҳӣ [Матн] / А. Зоҳидҷон // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2022. - № 9. – С. 45-53. ISSN: 2413-5151

3. Аҳмади, З. Истифодаи механизми маблағгузории лоиҳавӣ ҳангоми амалисозии лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар инфрасохтори сайёҳӣ [Матн] / И.Р. Иброҳимзода, А. Зоҳидҷон // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2023. - №5. - С. 5-13. ISSN: 2413-5151

4. Аҳмади, З. Сармоягузорӣ ҳамчун омили пешбарандаи рушди сайёҳӣ ва инфрасохтори он [Матн] / Б.Ҳ. Каримов, А. Зоҳидҷон // Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷоратии Тоҷикистон. – 2023. - № 4-1 (49). – С. 236-243. ISSN: 2308-054

5. Аҳмади, З. Омилҳои рушди маблағгузории лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар инфрасохтори сайёҳӣ [Матн] / А. Зоҳидҷон // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2024. - №5. - С. 38-47. ISSN: 2413-5151

***Б. Мақолаҳо дар дигар нашрияҳо:***

6. Аҳмади, З. Нақши бонкҳои тиҷоратӣ дар рушди иқтисодии мамлакат [Матн] / А. Зоҳидҷон / Нақши Асосгузори сулҳ ва ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар таҳкими истиқлолияти

давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон / Маводи конференсияи илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ бахшида ба 30-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 30-солагии Донишкадаи сайёҳӣ, соҳибкорӣ ва хизмат (Душанбе, 16 апрели соли 2021). – Душанбе: ДССХ, 2021. – С. 27-32.

7. Аҳмади, З. Қарзи давлатӣ ва моҳияти он [Матн] / А. Зоҳидҷон / Танзими иқтисодӣ ҳуқуқии муносибатҳои байналмилалӣ дар бахши фаъолияти иқтисодии хориҷӣ / Маводи конференсияи илмию амалии ҷумҳуриявӣ бахшида ба 30-солагии таъсисёбии мақомоти гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон (Душанбе, 29 январи соли 2022). – Душанбе: ДБССТ, 2022. – С. 110-116.

8. Аҳмади, З. Суғурта ҳамчун механизми асосии бехатагардонии дараҷаи хавфҳо [Матн] / А. Зоҳидҷон / Такмили муносибатҳои молиявӣ – қарзӣ ҳамчун заминаи амалисозии ҳадафи чоруми миллӣ – саноатикунонии босуръати мамлакат / Маводи конференсияи илмӣ-амалии байналмилалӣ (Душанбе, 28 майи соли 2022). – Душанбе: ДБССТ, 2022. – С. 148-156.

9. Аҳмади, З. Шаклҳои муосири маблағгузории лоиҳаҳои сармоягузорӣ [Матн] / А. Зоҳидҷон / Такмили муносибатҳои молиявӣ – қарзӣ ҳамчун заминаи амалисозии ҳадафи чоруми миллӣ – саноатикунонии босуръати мамлакат / Маводи конференсияи илмӣ-амалии байналмилалӣ (Душанбе, 28 майи соли 2022). - Душанбе: ДБССТ, 2022. – С. 99-103.

10. Аҳмади, З. Ҳолат ва дурнамои сармоягузории мустақими хориҷӣ ба иқтисоди Тоҷикистон [Матн] / А. Зоҳидҷон Такмили муносибатҳои молиявӣ – қарзӣ ҳамчун заминаи амалисозии ҳадафи чоруми миллӣ – саноатикунонии босуръати мамлакат / Маводи конференсияи илмӣ-амалии байналмилалӣ (Душанбе, 28 майи соли 2022). - Душанбе: ДБССТ, 2022. – С. 143-148.

11. Зохиджон, А. Финансовая поддержка реализации инвестиционных проектов в туристской инфраструктуре Республики Таджикистан [Текст] / А. Зохиджон / Вопросы управления и экономики: современное состояние актуальниых проблем / Сборник статей по материалам LXIII-LXIV международной научно-практической конференции (Москва, 11 октябрья 2022 года). – 2022. - №9-10 (57). – С. 10-18.

12. Аҳмади, З. Аҳаммият ва зарурияти сармоя ва сармоягузорӣ [Матн] / А. Зоҳидҷон / Самтҳои стратегии рушди соҳибкории инноватсионӣ дар шароити ҷаҳонишавӣ / Маводи конфронси байналмилалии илмӣ-амалӣ (Душанбе, 25 ноябри соли 2022). – Душанбе: ДБССТ, 2022. - С. 223-227.

13. Ахмад, З. Проектное финансирование в туристической инфраструктуре Республики Таджикистан [Текст] / А. Зохиджон /

Актуальные вопросы экономики / Сборник статей XIV международной научно-практической конференции (Пенза, 28 февраля 2023 года). – Пенза: МЦНС «Наука и Просвещение», 2023. – С. 22-26.

14. Аҳмади, З. Маблағгузории сармоягузориҳо ба инфрасохтори сайёҳӣ [Матн] / А. Зоҳидҷон // Масъалаҳои мубрами баҳисобгирии муҳосибӣ, таҳлил ва аудит дар шароити муосир / Маводи конференсияи илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ (Душанбе, 28 марти соли 2023). – Душанбе: ДБССТ, 2023. – С. 173-178.

15. Аҳмади, З. Сиёсати андозӣ-буҷетӣ қисмати асосии сиёсати молиявӣ [Матн] / А. Зоҳидҷон / Нақши сайёҳӣ ва соҳибкорӣ дар раванди амалисозии ҳадафҳои стратегии Ҷумҳурии Тоҷикистон / Маводи конференсияи илмӣ-назариявии апрелии донишгоҳ (Душанбе, 21-22 апрели соли 2023). – Душанбе: ДБССТ, 2023. – С. 68-74.

16. Зохиджон, А. Роль инвестиций в развитии туристической инфраструктуры Республики Таджикистан [Текст] / А. Зохиджон / Экономика предприятий, регионов, стран: актуальные вопросы и современные аспекты / Сборник статей XII международной научно-практической конференции (Пенза, 5 декабря 2023 года). - Пенза: МЦНС «Наука и Просвещение», 2023. – С. 28-32.

17. Аҳмади, З. Таъсири вазъи сармоягузорӣ ба рушди сайёҳӣ ва инфрасохтори он [Матн] / А. Зоҳидҷон / Равандҳои муосири молиявӣ-қарзӣ: мушкилот ва дурнамо / Маводи конференсияи илмӣ-амалии байналмилалӣ (Душанбе, 7 декабри соли 2023). – Душанбе: ДБССТ, 2023. - С. 283-288.

**Ба автореферати диссертатсия тақризҳои зерин ворид шудаанд:**

**1. Раҳматов Б.Қ.** - н.и.и., мудири кафедраи баҳисобгирии муҳосибӣ ва андозбандии Донишгоҳи давлатии Данғара, бо чунин эродҳо:

- Хуб мебуд, агар дар автореферат механизмҳои ҳамкорӣ бо ниҳодҳои байналмилалии рушд (ББТР, БОР ва ғ.), ки метавонанд сарчашмаҳои муҳимми маблағгузорӣ бошанд, мухтасар нишон дода мешуданд;

- Нақши рақамикунонӣ ва технологияҳои муосири молиявӣ, аз қабили маълумоти калон (Big Data), зеҳни сунъӣ ва дигарҳо дар ҷалби сармоягузорӣ ва баланд бардоштани шаффофияти лоиҳаҳо ошкор карда нашудааст;

- Ба устувории экологии лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар инфрасохтори сайёҳӣ, ки ба тамоюлҳои муосири ESG (environmental, social, governance – экология, ҷомеа, идоракунӣ) мутобиқ аст, бештар таваҷҷуҳ кардан бамаврид аст.

**2. Шарифов Т.А.** - н.и.и., дотсент, мудири кафедраи молия ва қарзи Донишгоҳи (Славянии) Россия ва Тоҷикистон, бо чунин эродҳо:

- Сифати таҳқиқот бурд мекард, агар дар ҷадв.6 (саҳ.33) доир ба ШДБХ маводҳое оварда мешуданд, ки бевосита ба сармоягузории инфрасохтори сайёҳӣ таалуқ дошта бошанд;

- Пешниҳоди муаллиф оид ба васеъ истифодабарии маблағгузории лоиҳавӣ қобил дастгирист. Хуб мешуд, агар пешниҳоди мазкур бо мисолҳои мушаххас тавсиф дода мешуд.

**3. Зубайдов Ҷ.И.** - н.и.и., муаллими калони кафедраи молияи Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисодӣ Тоҷикистон, бо чунин эрод:

- Барои хубтар гардидани сифати автореферат зарур аст, ки мубрамияти мавзуъ таҷдиди назар гардад;

- Расми 3, ки тартиби ташаккули фонди андӯхтро инъикос менамояд, ба таври зарурӣ таҳлил карда нашудааст.

**4. Вазирзода Д.Р.** – н.и.и., муаллими калони кафедраи молия ва қарзи кори бонкии Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ бо чунин эрод:

- Мавзуъи интихобнамудаи муаллиф хеле васеъ мебошад, бинобар ин дар таҳқиқотҳои оянда васеъ намудани объект пеш меояд.

Ҳамаи тақризҳо мусбат буда, қисме аз эродҳо хусусияти тавсиявӣ доранд.

**Интихоби муқарризони расмӣ** бо пешниҳоди комиссияи экспертии Шурои диссертатсионӣ ва бо мавҷудияти салоҳият ва мавқеи устувор дар доираи таҳқиқи масъалаҳои назария, мавҷудияти интишорот дар соҳаи мазкур ва қобилияти баҳодиҳӣ ба аҳаммияти илмию назариявии диссертатсия, ҳамчунин бо розигии шахсӣ барои пешниҳоди тақриз асоснок шудааст.

**Интихоби муассисаи пешбар** бо он асоснок карда шудааст, ки Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон дар самти илми дахлдор шинохташуда буда, қодир аст, ки арзиши илмӣ ва амалии диссертатсияро муайян намояд.

**Шурои диссертатсионӣ қайд мекунад, ки аз тарафи довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар асоси иҷро кардани таҳқиқоти илмӣ:**

дар заминаи омӯзиши ҷанбаҳои назариявии сармоягузирӣ, таснифоти аниқкардашудаи манбаъҳои маблағгузории лоиҳаҳои сармоягузорӣ, муайян кардани тартиби интихоби манбаъҳои молиявии лоиҳаҳои

сармоягузорӣ дар асоси низом ва тарҳи интихобшудаи маблағгузорӣ **коркард карда шуд;**

- ***пешниҳод шудааст,*** ки барои беҳгардонии маблағгузории лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар инфрасохтори сайёҳӣ ва дастгирии ҷалби сармоягузориҳо ба ин соҳаи афзалиятнок дар мамлакат таъсиси агентиҳои махсус доир ба рушди сайёҳӣ ва ҷалби сармоягузориҳо, инчунин ташкили инфрасохтори махсуси рушди сайёҳию солимгардонӣ таъсис дода шавад. Ин тадбирҳо метавонанд барои ташаккули фазои самараноки тиҷорат ва сармоягузорӣ дар инфрасохтори сайёҳӣ шароити хуб фароҳам оваранд;

- ***исбот шудааст***, ки корбурди механизми шарикии давлат ва бахши хусусӣ ҳамчун яке аз воситаҳои асосии маблағгузории лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар инфрасохтори сайёҳӣ буда, ин механизм ба бунёди иншооти замонавии инфрасохтори сайёҳӣ самаранок мусоидат намуда, инчунин дар ҳавасмандгардонии рушди ҳамаҷонибаи сайёҳӣ ҳамчун яке аз бахшҳои афзалиятноки иқтисодиёт нақши муҳим мебозад;

- ***асоснок карда шудааст***, ки ба баланд бардоштани ҷолибияти соҳа барои сармоягузорони хусусӣ ва таъмини ҷалби самараноки сармояи хусусӣ имкон медиҳанд. Тадбирҳо ва механизмҳои мушаххас оид ба такмили амсилаҳои мавҷудаи шарикии давлат ва бахши хусусӣ пешниҳод карда шудаанд, ки ба суръат бахшидан ба равандҳои таҷдид ва тавсеаи инфрасохтори сайёҳӣ, инчунин афзоиши сармоягузорӣ ба ин соҳа мусоидат мекунанд.

**Аҳаммияти назариявии таҳқиқот бо инҳо асоснок карда шудааст:**

- ***исбот карда шудааст***, ки дар илми иқтисодиёти ватанӣ паҳлуҳои зиёди масъалаҳои таъминоти молиявии татбиқи лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар инфрасохтори сайёҳӣ аз доираи таҳқиқ берун мондаанд. Дар асоси таҳлили амиқи муқаррароти назариявӣ, равишҳои методологӣ ва ҷанбаҳои методӣ, инчунин бо назардошти дигар омилҳои асосии бо таъминоти молиявии лоиҳаҳои сармоягузорӣ алоқаманд тафсири муфассал ва аниқи мафҳумҳои «сармоягузорӣ», «фаъолияти сармоягузорӣ», «лоиҳаи сармоягузорӣ», «таъминоти молиявӣ» ва «маблағгузорӣ» аз ҷониби муаллиф пешниҳод карда шудаанд;

- ***усулҳои муосири*** диалектикии таҳқиқот, ки омӯзиши таҳаввули руйдодҳо ва ҳодисаҳоро дар инкишоф ва боҳамалоқамандӣ таъмин мекунанд, аз қабили усулҳои умумиилмӣ, абстраксияи илмӣ, мушоҳида ва синтез, усулҳои илмии мантиқӣ, таҳлилӣ, иқтисодию оморӣ, графикӣ, коршиносӣ, истисно, муқоиса ва дигар усулҳо истифода шудаанд;

- ***баён шудани*** самаранокии низоми идоракунии маблағгузории лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар инфрасохтори сайёҳӣ метавонанд тавассути истифодаи механизмҳои дастгирии давлатии барномаҳои сайёҳӣ, қарздиҳии имтиёзнок ба субъектҳои соҳибкорӣ, мусоидат намудан ба ғункунии маблағҳои саҳмгузорони хурд дар ташкилотҳои қарзӣ баланд бардошта шавад. Исбот шудааст, ки муваффақияти рушди сайёҳӣ ва инфрасохтори он низ бевосита аз сатҳи дастгирии давлат вобаста аст;

- ***ошкор карда шудааст,*** ки ба рушди соҳаи сайёҳӣ ва инфрасохтори он вазъи муосири татбиқи лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар инфрасохтори сайёҳӣ ва омӯзиши муфассали механизмҳои ҷалби манбаъҳои маблағгузорӣ таъсир мерасонанд. Роҳҳои рафъи ин мушкилот пешниҳод карда шудаанд, ки ба истифодаи механизмҳои муносиб ва самараноки маблағгузорӣ алоқаманд буда, боиси афзоиши ҷолибияти сармоягузории соҳа мегарданд;

- ***омӯзиши*** омилҳои ба рушди маблағгузории лоиҳаҳои сармоягузорӣ мусоидаткунанда гузаронида шуда, арзёбии ҳамаҷонибаи ин омилҳо дар заминаи вазъи муосири инфрасохтори сайёҳӣ анҷом дода шудааст. Мушкилот ва маҳдудиятҳои асосии лоиҳаҳои инфрасохтори сайёҳӣ ошкор гардида, тадбирҳои зарурӣ барои бартараф намудани онҳо пешниҳод гардидаанд, ки ба беҳтар намудани таъминоти молиявии татбиқи лоиҳаҳои сармоягузорӣ нигаронида шудаанд;

- ***аз нав такмил додани*** механизми маблағгузории лоиҳавӣ дар мамлакат, арзёбии бартариҳои маблағгузории лоиҳавӣ ҳангоми истифода дар раванди татбиқи лоиҳаҳои афзалиятноки сармоягузорӣ дар инфрасохтори сайёҳӣ. Ҳамзамон, мавқеи шарикии давлат ва бахши хусусӣ ҳамчун яке аз механизмҳои рушди маблағгузории лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар инфрасохтори сайёҳӣ муайян гардида, ҷиҳатҳои қавӣ ва самтҳои рушди механизми шарикии давлат ва бахши хусусӣ, ки барои ҷалби сармоя ва амалисозии босамараи лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар инфрасохтори сайёҳӣ имкон медиҳанд арзёбӣ карда шудааст.

**Аҳаммияти натиҷаҳои бадастовардаи довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар амалия чунин тасдиқ карда мешавад:**

- ***аҳаммияти амалии*** таҳқиқоти анҷомшуда дар он аст, ки натиҷаҳои ҷудогонаи онро дар дар равандҳои таҳия, банақшагирӣ, маблағгузорӣ ва татбиқи лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар инфрасохтори сайёҳӣ ба баланд бардоштани самаранокии фаъолияти сармоягузорӣ истифода бурдан мумкин аст. Ҳамзамон, тавсияҳои пешниҳодгардида метавонанд аз ҷониби

кормандони Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва маъмурияти субъектҳои хоҷагидории инфрасохтори сайёҳӣ барои татбиқ дар фаъолияти сармоягузорӣ истифода гарданд;

**- натиҷаҳои таҳқиқоти методологию** назариявии гузаронидашуда дар оянда метавонад ҳамчун базаи ахборотӣ барои гузаронидани таҳқиқотҳо, коркард ва такмили таъминоти молиявӣ ва рушди механизми маблағгузории лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар иншооти инфрасохтори сайёҳӣ кумак расонад;

**-коркард ва ҷорӣ карда шуд**: натиҷаҳои асосии таҳқиқоти диссертатсионӣ дар тадриси фанҳои тахассусии таълимии факултети молиявию иқтисодии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (маълумотномаи № 263-1/дс аз 07.05.2024) ва фаъолияти амалии Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон (аз 05.05.2024 сол), ва КВД “Маркази итилоотии хизматрасониҳои сайёҳӣ”-и Кумитаи рушди сайёҳии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон (аз 27.05.2024 сол) истифода шудаанд;

**-муайян карда шуд,** ки маблағгузории лоиҳавӣ яке аз механизмҳои муассир ва ояндадори татбиқи лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар инфрасохтори сайёҳӣ дониста шуда, бартариҳои эҳтимолии он барои ҳавасмандгардонии рушди устувор дар ин соҳа назаррас мебошад. Бартарии маблағгузории лоиҳавӣ барои татбиқи лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар инфрасохтори сайёҳӣ, аз қабили баланд бардоштани устувории молиявии лоиҳаҳо, муносибгардонии хавфҳо ва беҳбуди шароит барои ҷалби сармояи хусусӣ ва давлатӣ арзёбӣ мешаванд;

**-офарида шуд:** мафҳумҳои «сармоягузорӣ», «фаъолияти сармоягузорӣ», «лоиҳаи сармоягузорӣ», «таъминоти молиявӣ», «маблағгузорӣ», шаклҳои маблағгузории лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар шароити муосир ошкор карда шуд, хусусиятҳои таъминоти молиявии лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар инфрасохтори сайёҳӣ арзёбӣ гардид, лоиҳаҳои сармоягузорӣ ва амалисозии маблағгузории онҳо таҳия карда шуд;

**-муаррифӣ карда шуд:** вазъи муосири фаъолияти сармоягузорӣ дар инфрасохтори сайёҳӣ ва арзёбии мушкилоти маблағгузории рушди он, омилҳои таъсиррасон ба рушди маблағгузории лоиҳаҳои сармоягузорӣ ошкор ва арзёбии вазъи инфрасохтори сайёҳӣ бо мақсади таҳияи лоиҳаҳои сармоягузорӣ ва амалисозии маблағгузории онҳо муайян карда шуд. Имконияти механизми шарикии давлат ва бахши хусусӣ дар

мукаммалсозии равандҳои маблағгузории лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар инфрасохтори сайёҳӣ пешниҳод карда шуд.

**Баррасии эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ нишон дод, ки:**

- сохтори манбаъҳои маблағгузории лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар инфрасохтори сайёҳӣ аз хусусиятҳои муносибатҳои молиявии бо соҳаи фаъолияти корхона алоқаманд вобаста мебошад. Самаранокии низоми идоракунии маблағгузории лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар инфрасохтори сайёҳӣ метавонад тавассути истифодаи механизмҳои дастгирии давлатии барномаҳои сайёҳӣ, қарздиҳии имтиёзнок ба субъектҳои соҳибкорӣ, мусоидат намудан ба ғункунии маблағҳои саҳмгузорони хурд дар ташкилотҳои қарзӣ баланд бардошта шавад;

- **ғояи таҳқиқот тибқи** санадҳои меъёрию ҳуқуқии танзимкунандаи лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар инфрасохтори сайёҳӣ, баромадҳо ва Паёмҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон, сарчашмаҳо аз Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030, Стратегияи рушди сайёҳӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030, Барномаи давлатии рушди сайёҳӣ барои солҳои 2021-2025, Барномаи миёнамуҳлати рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025, аз маводи илмии олимони соҳаи иқтисод, омӯзиши асарҳои олимони ватаниву хориҷӣ дар самти таҳқиқоти гузаронидашудаи муаллиф, маводҳои конференсияҳои гуногун, маълумоти омори расмӣ, инчунин коркардҳо аз ҷониби муаллиф асоснок шудааст;

- **аслият ва навгониҳои натиҷаҳои таҳқиқот** оид ба таъминоти молиявии татбиқи лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар инфрасохтори сайёҳӣ бо далелҳои мушаххас аз маълумоти омори расмӣ ва тавсияҳои методии коркардшуда тасдиқ шудаанд;

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ:**

Саҳми шахсии муаллиф дар таҳлил ва ҷамъбасткунӣ, банизомдарорӣ ва такмили равишҳои назариявию амалии таъминоти молиявӣ ва рушди маблағгузории лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар инфрасохтори сайёҳӣ ифода меёбад. Муаллиф механизми маблағгузории венчурӣ ва амсилаи консессионии маблағгузорӣ дар татбиқи лоиҳаҳои сармоягузорӣ ба инфрасохтори сайёҳиро кор карда баромадааст. Натиҷаҳои ҷудогонаи таҳқиқоти дисертатсиониро ҳангоми банақшагирӣ, маблағгузорӣ ва татбиқи лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар инфрасохтори сайёҳӣ барои баланд

бардоштани самаранокии фаъолияти сармоягузорӣ истифода бурдан бамаврид мебошад;

- натиҷаҳои корҳои илмӣ-таҳқиқотии муаллиф дар амалия татбиқ карда шудаанд (Донишгоҳи миллии Тоҷикистон маълумотномаи № 263-1/дс аз 07.05.2024) ва фаъолияти амалии Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон (аз 05.05.2024 сол), ва КВД "Маркази итилоотии хизматрасониҳои сайёҳӣ"-и Кумитаи рушди сайёҳии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон (аз 27.05.2024 сол) ;

- муқаррароти асосии диссертатсия дар 17 мақолаи илмӣ бо ҳаҷми 7,2 ҷ.ч. нашр гардидааст, аз ҷумла, 5 мақолаи илмӣ дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр гардидаанд;

- натиҷаҳои асосии таҳқиқоти гузаронидашуда дар конференсияҳои илмию амалии байналмилалӣ ва ҷумҳуриявие, ки дар Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон, Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ва дигар муассисаҳои таҳсилоти олии Ҷумҳурии Тоҷикистон тӯли солҳои 2021-2024 баргузор гардидаанд, аз ҷониби муаллиф ба тариқи маърӯза баён гардидаанд.

Дар маҷлиси шурои диссертатсионии 6D.KOA-003 аз санаи 21.06.2025 қарори сазовор донистани Аҳмади Зоҳидҷон бо дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050900 – Молия (6D050901 – Молия, муомилоти пул ва қарз) қабул карда шуд.

Ҳангоми гузаронидани овоздиҳии пинҳонӣ дар шурои диссертатсионӣ 14 нафар иштирок доштанд, аз ҷумла докторони илм 5 нафар аз рӯйи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда. Аз 14 нафар иштирокдоштагон дар маҷлис, ки ба шуро шомил ҳастанд, 14 нафар овоз доданд. Натиҷа тарафдор - 14 нафар, муқобил – нест, бетараф – нест, бюллетенҳои беэътибор – нест.

**Муовини раиси шурои диссертатсионӣ,**
**доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор** **Низомов С.Ф.**

**Котиби илмии шурои диссертатсионӣ,**
**номзади илмҳои иқтисодӣ** **Бобиев И.А.**

**21.06.2025**